*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 070+556 (575.3)
ТКБ: 76.01
Б-30

**БАҲРОМЗОДА МАНИЖАИ ЗАФАРШОДУХТ**

# НАҚШИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК ДАР ИНЪИКОСИ ТАШАББУСҲОИ ГЛОБАЛИИ ТОҶИКИСТОН МАРБУТ БА ОБ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси
6D051600- Рӯзноманигории байналхалқӣ

**Душанбе – 2021**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** **Муқимов Муҳаммадӣ Аминович**, доктори илми филология, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** - доктори илми филология, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода"

**Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович** – номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров"

Ҳимоя «____» _______ соли 2021, соати _____ дарҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(743025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии №10, ошёнаи 5, толори Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tjва китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат « »__________соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология,** **дотсент Дӯстзода Ҳ. Ҷ.**

# МУҚАДДИМА

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ .** Асри XXI бо тамоми таҳаввулоташ барои ҷомеаи ҷаҳон мушкилоте эҷод намудааст, ки роҳи ҳалли онҳо дар сатҳи глобалӣ баррасӣ мегардад. Норасоии оби тозаи ошомиданӣ, тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо имрӯз боиси нигаронии тамоми кишварҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ гардидаанд. Дар чунин вазъият Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ наметавонад худро аз ҳалли мушкилоти глобалие чун норасоии оби тозаи ошомиданӣ ва тағйирёбии иқлим канор гирад. Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президент Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи ҷаҳонӣқадам ниҳода, ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар баробари ҳаллу фасли мушкилоти дохилӣ, тадриҷан таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба масъалаҳое ҷалб кард, ки дар таъмини амният ва суботи ҷаҳон, вазъи муҳити зист, пешомадҳои рушди иқтисод ва дигар самтҳои ҳаёти умумибашарӣ аҳамияти  хос доранд.

Рушди саноат ва афзоиши аҳолии сайёраро ба назар гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморид, ки нахустин ташаббуси глобалии экологии худро маҳз дар ҳалли муҳимтарин талаботи сайёра, яъне норасоии оби тозаи ошомиданӣ гузорад. Қобили зикр аст, ки баррасӣ гардидани мушкилоти норасоии об дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби Тоҷикистон беасос нест. Зеро об ягона унсури табиат аст, ки онро ягон ашёи хом иваз карда наметавонад. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷомеаи ҷаҳон даъват ба амал овард, ки ба масъалаи об на ҳамчун манбаи ҳаёт, балки ҳамчун воситаи ҳамкории байни кишварҳо ва омили рушди устувор назар андозад. Пешниҳод намудани соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии “Оби тоза”, солҳои 2005 – 2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт”, соли 2013 “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” ва солҳои 2018 – 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” аз ҷониби Тоҷикистон далели гуфтаҳои боло мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баррасӣ ва тарғиби ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти глобалии об нақши матбуоти даврии тоҷик низ назаррас аст. Бахусус, баъд аз пешниҳод намудани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар масъалаи об, таваҷҷуҳи матбуоти расмӣ ва мустақили тоҷик ба ин мушкилот бештар гардида, ба воситаи мақолаву мусоҳибаҳои гуногун аҳли ҷомеа ба самаранок истифода бурдани об ва расидан ба қадри ин неъмат даъват шудааст. Инчунин суханронӣ ва иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ доир ба проблемаҳои глобалӣ, дар матбуот ба таври муфассал нашр гардида, хонандагонро аз мавқеъгирӣ ва нақши Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилот огоҳ намуданд. Дар партави ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон, рӯзноманигорони тоҷик назари коршиносони дохил ва хориҷи мамлакатро дар муҳим ва ҳалкунанда будани иқдомҳои ҷаҳонии Тоҷикистон пурсон шуда, натиҷаи онро

пешниҳоди хонандагон гардонидаанд. Дар баробари нашри мақолаву хабарҳои гуногун оид ба ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об, дар матбуоти тоҷик инчунин мушкилоти худи Тоҷикистон дар масъалаи таъмини пурраи аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва дигар проблемаҳои муҳими экологӣ мавриди баррасӣқарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, муҳиммияти мавзӯи кори илмии мо маҳз ба таҳқиқи илмии нақши матбуоти даврии тоҷик дар баррасии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об нигаронида шудааст, ки то ҳанӯз мушаххасан мавриди таҳқиққарор нагирифтааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об дар журналистикаи тоҷик бори аввал таҳқиқ мегардад. Аммо бояд қайд намуд, ки робитаи журналистика ва экология ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри XX таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб карда, махсусиятҳои ин пайвастагӣҳамаҷониба муайян гардидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқони рус Сизова Л. В. [Сизова, 1982], Васильева Т. В. [Васильева, 1984] ва Васильев С. Л. [Васильев, 1985] дар рисолаҳои илмиашон “заминаҳои ташаккулёбии мавзӯи экологиро дар журналистика муайян карда, масъалаи таъсири тарғиботи экологӣ ва сохти жанрии маводро оид ба масоили экологӣ баррасӣ намудаанд. Дар кори онҳо бори аввал мафҳуми нави “рафтори экологии аудитория” истифода шуда, масъалаи иштироки журналистика дар ҳалли амалии мушкилоти мавҷудаи экологӣ ба миён гузошта шудааст”[Джумагазиева, 2010, С. 5]. Муҳаққиқи қирғиз Джумагазиева Н. К. бошад, воситаҳои ахбори омма (ВАО)-ро василаи нисбатан пуриқтидори дониши экологӣ номида, қайд намудааст, ки “маҳз онҳо...барои баланд бардоштани сатҳи умумии ҷаҳонбинии оммавии экологӣ мусоидат мекунанд” [Джумагазиева, 2007, С. 36-37]. Нақши муҳими ВАО-ро дар баланд бардоштани дониши экологии ҷомеа ҳамчунин муҳаққиқи рус Шаркова Е. А. низ дар рисолаи илмиаш ҷонибдорӣ намудааст. Ба ақидаи коршинос “ҷомеаи ҳозираи баъдиинқилобӣ ба иттилои босифати экологӣ, ба кумак намудан дар мутобиқшавӣ ба хавфҳои бешумори экологӣ, ба имконияти иштирок дар робитаҳои экологиву сиёсӣ, яъне ба журналистика ҳам талаботи шадидро эҳсос мекунад” [Шаркова, 2012, С. 4]. Ба андешаи муҳаққиқи рус Орлова М. В. журналистикаи экологӣ яке аз шаклҳои инъикоси фаврии иттилои васеи вазъи воқеии муҳити зист ҳангоми ҳамкории он бо ҷомеа мебошад, ки “ҳадафи он таъмини ҷомеа дар маҷмӯъ ва таъмини инсон дар алоҳидагӣ бо хабаре мебошад, ки барои фаъолияти онҳо ва рушди устувор ҳангоми ҳатмӣ нигоҳ доштани мувозинати табиӣ зарур аст” [Орлова, 2017, С. 9].

Вобаста ба баррасии масъалаи об дар журналистикаи тоҷик муҳаққиқи тоҷик Яқубов Ҷ. Н. зимни таҳқиқи рисолаи номзадӣ, аз ҷумла, қайд намудааст, ки агар дар солҳои 90-уми асри XX рӯзноманигорон бештар вобаста ба мавзӯъҳои кӯҳу даштҳо, ҳифзи набототу ҳайвоноти Тоҷикистон, масъалаҳои кабудизоркуниву ниҳолшинонӣ мавод омода менамуданд, пас

«инъикоси мавзӯи марбут ба об дар ибтидои асри XXI дар журналистикаи тоҷик ба яке аз мавзӯъҳои асосӣ табдил ёфт» [Яқубов, 2009, С. 78]. Муҳаққиқ яке аз сарчашмаҳои асосии пайдоиши мавзӯи марбут ба обро дар журналистикаи тоҷик маҳз ба ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста намудааст.Муҳаққиқ Тоирова Ш. М. бошад, дар рисолаи илмиаш навиштааст, ки ба масъалаи об дар баробари матбуот телевизиони тоҷик низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст: "дар давраи гузаронидани чорабиниҳои марбут ба об телевизиони..."Сафина" ва "Шабакаи аввал"-и телевизиони Тоҷикистон аз макони баргузории форумҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо, пурсишҳои зиёди мутахассисон ва ғайраҳо пахши мустақим омода менамуданд" [Тоирова, 2015, С. 55]. Ҳаитпур Р. А. низ зимни таҳқиқоти илмиаш саҳми матбуоти тоҷикро дар тарғиб ва баррасии аҳамияти НБО-и Роғун дар танзими захираҳои оби минтақа пажӯҳиш намуда, дар фишурдаи кори илмиаш ва ҷумла навиштааст, ки «дар мақолаҳо ва маталиби васеи матбуоти тоҷик аҳамияти иқтисодии НБО–и Роғун на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақа таъкид гардидааст...Матбуоти мустақили Тоҷикистон дар ин масъала конфронс ва чорабиниҳои гуногунро низ фаъолона баррасӣ намудааст» [Ҳаитпур, 2016, С.19]. Аммо дар баробари баррасии аҳамияти НБО-и Роғун барои Тоҷикистон ва минтақа, дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷик инчунин "фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, иштироки он дар форумҳои муҳими байналмилалӣ, ташаббусҳои мушаххасе, ки бо онҳо роҳбари он...аз минбари СММ ва дигар созмонҳо баромад намудааст зиёд баррасӣ гардидааст", - навиштааст муаррихи тоҷик Сабуров А. [Сабуров, 1996, С. 46].

Қобили зикр аст, ки оид ба робитаи журналистика ва экология ҳамчунин китобҳои муҳаққиқони рус Кочинева А., Берлова О., Колесникова В. «Журналистикаи экологӣ» (Экологическая журналистика) [Кочинева…,1999], Коханова Л. А. «Журналистикаи экологӣ, PR ва реклама» (Экологическая журналистика, PR и реклама) [Коханова, 2007], Фридман Ш., Фридман К. «Воситаи таълим оид ба журналистикаи экологӣ» (Пособие по экологической журналистике) [Фридман…,1988], Белов И. Ю., Фомичев С. Р. «Феҳристи сабз: матбуоти даврии экологии Авруосиёи шимолӣ» (Зелёная библиография: периодические экологические издания Северной Евразии) [Белов…,1996], Берлова О., Захаров В., Колесникова В., Кочинева А. «Бозӣ дар майдони иттилоотӣ», Журналистика ва PR барои "сабзҳо"» (Игра на информационном поле. Журналистика и PR для "зелённых") [Берлова…,2003] ва муҳаққиқи тоҷик Яқубов Ҷ. "Журналистикаи экологӣ (воситаи таълим)" [Яқубов, 2009] маълумоти дақиқ дода метавонанд.

Дар баробари ин, оид ба масъалаи об ва мавқеи он дар матбуоти тоҷик мақолаи профессор Муродов М. "Шинохти об дар матбуот" [Муродов, 2003], ҳамчунин оид ба робитаи журналистика ва экология, мақолаи Шаркова Е. А. "Журналистикаи экологӣ: моҳияти сарчашмаҳои иттилои

экологӣ” (“Экологическая журналистика: природа источников экологической информации”) [Шаркова, 2014], маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байнидонишгоҳии “Масъалаҳои муосири экология ва тамоюли рушди журналистикаи экологӣ дар Тоҷикистон” [Актуальные..., 2017] ва маҷмӯаи мақолаҳо таҳти унвони “Насли нави рӯзноманигорон барои экологикунонии ВАО” (“Новое поколение журналистов за экологизацию СМИ”) [Новое..., 2008] низ ҳамчун сарчашма кӯмак расонида метавонанд.

Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаи об ва нақши матбуоти тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои мазкур, мо ҳамчунин зарур шуморидем, ки соҳаҳои сиёсат, экология ва журналистикаро таҳқиқ намуда, хулосаҳои худро доир ба мавзӯи мавриди таҳқиқ барорем. Дар баробари истифодаи китоби муҳаққиқони соҳа, мо инчунин аз маводи матбуоти расмӣ ва мустақили тоҷик, сомонаҳои интернетӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва санадҳои марбута низ истифода намудем.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади пажӯҳиш муайян намудани нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи об мебошад.

Барои амалӣ гардидани ҳадафҳои асосии кори илмӣ мо вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштем:

- таҳлил намудани маводи матбуоти даврии тоҷик вобаста ба нақши Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои глобалии об;
- муайян намудани мавқеи матбуоти расмӣ ва мустақили тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об;
- нишон додани нақши матбуоти ватанӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои глобалии экологии Тоҷикистон;
- муқоиса намудани маводи рӯзномаҳои расмӣ ва мустақили кишвар доир ба инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти об;
- мушаххас намудани жанрҳои истифодашуда оид ба баррасии масоили глобалии об ва иқлим дар давоми солҳои 2000-2018 дар матбуоти мавриди таҳқиқ;

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст нақши матбуоти даврии тоҷик дар баррасӣ намудани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин ба воситаи таҳқиқи мавзӯъ муҳим будани саҳми матбуоти даврии тоҷик дар тарғиб ва амалӣ гардидани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон доир ба масъалаи об, дар ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеа ба муҳиммияти ташаббусҳои мазкур ва дар баробари ин, дар баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа дар истифодаи самараноки захираҳои об, ки

яке аз ҳадафҳои асосии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мебошад, муайян гардидааст.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқи кори илмӣ ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мебошад.

**Моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи он барои ташаккул ва дарки фаҳмиши экологӣ ва иҷтимоии масоили глобалии об ва тағйирёбии иқлим мусоидат намуда, метавонад барои муҳаққиқони соҳаи сиёсат ва экология ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои илман исботшудаи мушкилоти глобалии об ва тағйирёбии иқлим, инчунин сиёсати экологии Тоҷикистон дар истифодаи самараноки захираҳои табиии он кӯмак расонад.

**Моҳияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки маводҳои дар рисола таҳқиқшуда метавонанд барои ташкили курсҳои махсуси омӯзишии марбут ба журналистикаи экологӣ дар факултети журналистика мусоидат намуда, барои таълими фанни “Журналистикаи экологӣ” ба сифати дастури таълимӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, ҳангоми баррасии робитаи матбуот бо экология, аз ҷумла омӯзиши нақши матбуоти тоҷик дар тарғиб ва баррасии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об ҳангоми таълим дар тахассусҳои журналистика, сиёсатшиносӣ ва экология, метавон аз маводи таҳлилии рисола истифода бурд.

**Методи таҳқиқ.** Методи кори илмӣ усули таърихӣ ва таҳлилӣ – муқоисавӣ мебошад. Дар давоми пажӯҳиши рисолаи илмӣ бо истифода аз усули таърихӣ, мо пайдоиши мушкилоти глобалии экологӣ, аз ҷумла об ва тағйирёбии иқлим, ташаккули таърихии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва пешниҳоди чаҳор ташаббуси глобалии Тоҷикистон марбут ба обро аз рӯйи солҳои пешниҳодшуда мавриди пажӯҳиш қарор додем. Дар баробари ин, маводи матбуоти даврии тоҷик вобаста ба баррасии иқдомҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба ҳалли мушкилоти об мавриди таҳлили мо қарор гирифтааст, ки дар ин ҷода аз усули таҳлилӣ истифода гардидааст. Ҳамчунин барои муайян намудани монандӣ ва фарқ миёни маводи матбуоти расмиву мустақили тоҷик вобаста ба инъикоси нақши Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба об мо аз усули муқоисавӣ истифода намудем.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқро асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар соҳаҳои экология, сиёсат ва журналистика ташкил медиҳанд, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи проблемаҳои глобалии об ва иқлим, ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон доир ба масъалаи об ва нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ин масоил мусоидат намуданд. Ба ин гурӯҳ асарҳои Л. В. Сизова, Т. В. Васильева, Е. А. Шаркова, М. В. Орлова ва муҳаққиқони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. К. Усмонов, Ҷ. Муқим, А. Азимов, М. Муродов, Ш. Б. Муллоев, М. Абдуллозода ва дигарон дохил мешаванд. Ҳамчунин дар баррасии масъалаи глобалии об ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муҳаққиқони соҳаҳои гуногун П. Фарб, Т. П. Трушина, Р.

Коробов, Л. Е. Обухова, Н. К. Джумагазиева, Ҷ. Н. Яқубов, Р. Забиров, А. С. Давлатов, К. Нуралиев, М. Абдусамадов, Р. Б. Латипов, З. М. Бахромов, Қ. Қаюмов, З. С. Сайидзода, А. Шарифзода ва Ҳ. Зарифӣистифодаи ҳамаҷониба намудем.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- матбуоти даврии тоҷик дар инъикос ва тарғиби ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об нақши муассир дорад;
- рубрикаҳои "Шаҳрванд-гӯшаи номаҳои бетаҳрир" ва "Розу ниёз – гӯшаи номаҳои шаҳрвандон" - и рӯзномаи "Ҷумҳурият" - воситаи асосии арзу шикояти шаҳрвандон аз камбуди об ва даъват барои кӯмак дар ҳалли мушкилоти обии шаҳру навоҳии Тоҷикистон;
- рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум" муҳим будани ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаи об, ба воситаи нашри матолиби гуногуни бозгӯкунандаи ҷонибдории ҷомеаи ҷаҳон аз ташаббусҳои мазкур нишон додаанд;
- қисми бештари маводи матбуоти расмӣ ва мустақили тоҷикро вобаста ба ташаббусҳои глобалии обии Тоҷикистон, андешаи коршиносони соҳа ва намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ташкил медиҳад, ки ин аз эътимоди қавӣ доштани аҳли ҷомеа ба матбуот ҳамчун василаи баён намудани андешаҳо дар масъалаи об дарак медиҳад;
- дар ҳимояи манфиатҳои обии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тарғиби сиёсати беғаразонаи Тоҷикистон оид ба истифодаи самараноки оби минтақа мавқеи нашрияҳои мустақили Тоҷикистон "Нигоҳ" ва "Фараж" назаррас аст;
- нашрияҳои мустақили Тоҷикистон "Нигоҳ" ва "Фараж" дар муқоиса бо матолиби рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум" бо теъдоди матолиб, тарзи баррасии мавзӯи мавриди таҳқиқ ва истифодабарии жанрҳо фарқ менамоянд;

**Саҳми шахсии муаллиф** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзиши амиқи маводи таҳқиқшаванда бори аввал саҳми матбуоти даврии тоҷикро дар инъикос ва баррасии ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон марбут ба об мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода, нақши рӯзномаҳои расмӣ ва мустақили тоҷикро дар амалишавии сиёсати экологии Тоҷикистон дар соҳаи об, мавқеъгирии матбуоти даврии тоҷик дар ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон зимни истифодаи захираҳои об ва истифодаи жанрҳои гуногуни соҳаи журналистикаро дар инъикоси мавзӯи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Манбаъҳои асосии** таълифи рисолаи мазкур рӯзномаҳои расмӣ ("Ҷумҳурият" ва "Садои мардум") ва мустақил ("Нигоҳ" ва "Фараж") - и Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии рисола.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи ДМТ (қарори № 7 аз 13 апрели соли 2019) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мазмуну мундариҷаи асосии рисола дар шакли маърӯза дар

конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони ДМТ таҳти унвони “Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон” бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон (18 майи соли 2017) дар мавзӯи “Норасоии об – мушкилоти глобалӣ”, конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Мушкилоти рушд ва дурнамои ВАО-и тоҷик” (бахшида ба 100-солагии профессор Воҳид Асрорӣ) (3 ноябри соли 2017) дар мавзӯи “Нақши матбуот дар баррасии масъалаи об (дар мисоли нашрияи «Фараж»)”, Шашумин конференсияи илмиву амалии ҷумҳуриявии “Саҳми занон дар рушди илм” ( 11 феврали соли 2019) дар мавзӯи “Баррасии масъалаи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон (дар мисоли маводи рӯзномаи «Ҷумҳурият»)”, конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ” (25-26 ноябри соли 2019) дар мавзӯи “Баррасии роҳҳои ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар матбуоти тоҷик”ва конференсияҳои ҳамасолаи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017 - 2019) пешниҳод шудааст. Доир ба мавзӯи диссертатсия як монография (“Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об”. – Душанбе: Сино, 2018. - 112 с. ) ва 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дохилшаванда ба табъ расидааст.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддимаи** рисола муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**,** предмет ва объекти таҳқиқ нишон дода шудааст. Ҳамчунин ҳадаф ва вазифаҳои он, навгонии илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шуда, асосҳои назариявӣ ва методологии мавзӯъ, хронологияи таҳқиқ, хулосаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва апробатсияи таҳқиқ зикр шудааст.

**Боби аввал “Мушкилоти глобалии муосир ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон”** ном дошта, дар он масъалаҳои глобалии об ва тағйирёбии иқлим, аҳамияти об барои ҳаёт, омилҳои тағйирёбии иқлими сайёра ва таъсири он ба захираҳои об, мавқеи масоили мазкур дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва нақши ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об дар ҳалли мушкилоти экологии сайёра мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар **фасли аввал “Проблемаҳои глобалии об ва иқлим ҳамчун падидаи аср”** таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзиш ва баррасии мушкилоти экологии ҷаҳон, аз ҷумла, об ва таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои оби минтақа ва ҷаҳон равона шудааст. Зимни пажӯҳиши ин масъала муайян гардид, ки об ҳамчун

унсури муҳими табиат дар ҳама давру замон дар ҳаёти инсоният мавқеи ҳалкунанда дошта, муҳиммияти онро барои ҳаёт ва умуман барои сайёраи Замин олимони зиёде исбот кардаанд. Тибқи пажӯҳиши мавзӯъ нобаробар тақсим шудани сарчашмаҳои об ва норасоии оби ошомиданӣ дар аксар кишварҳои ҷаҳон боис гардидааст, ки он ба яке аз масъалаҳои муҳими экологии ҷаҳон табдил ёбад. Об имрӯз ба сифати "муҳаррики иқтисод" баромад намуда, ҳалли мушкилоти он метавонад барои рушди иқтисод, ки асоси пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҷомеаро ташкил медиҳад, мусоидат кунад. Мувофиқи маълумоти расмӣ, «…дар миёнаи асри XXI аз норасоии об дар ҳолати бадтарин 7 млрд. ва дар ҳолати хуб 2 млрд. нафар дар 48 кишвари ҷаҳон танқисӣ хоҳанд кашид» [Взгляд...,2003, С.10]. Чунин пешгӯӣ нишон медиҳад, ки ҳалли мушкилоти об имрӯз на танҳо хоси як кишвар ва ё минтақа, балки ба кулли кишварҳои ҷаҳон марбут мебошад. Яъне, таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳамкорӣ дар соҳаи об тақозои замон буда, муҳим аст, ки кишварҳои ҷаҳон дар масъалаи маблағгузории системаи батанзимдарории техникии об ва истифодаи самараноки он муттаҳид бошанд, махсусан дар шароите, ки иқлими сайёра босуръат тағйир меёбад.

Тавре маълум аст, ҷойгиршавии бештари пиряххои рӯйи замин ба қитъаи Осиёи Марказӣ рост меояд. Аз ин рӯ, мушкилоти норасоии об барои ин минтақа дар солҳои оянда низ бештар хоҳад шуд, зеро пиряххои ин қитъа, хусусан пиряххои кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар таъмини Амударё ва Сирдарё бо об, ки калонтарин дарёҳои обёрикунандаи минтақаи Осиёи Марказӣ ва Баҳри Арал ба ҳисоб меравaнд, нақши муҳим мебозанд. Дар асоси пешгӯиҳои коршиносон бо тағйир ёфтани иқлим ва гарм шудани ҳарорати ҳаво дар даҳсолаҳои наздик пиряххои нисбатан хурд рӯ ба нестшавӣ оварда, дар охири асри XXI пурра нест мешаванд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба ҳалли мушкилоти глобалии об ва тағйирёбии иқлим сол то сол бештар шудаистодааст.

Зиёд шудани хориҷшавии газҳои гулхонаӣ ба атмосфера яке аз омилҳои глобалӣ шудани масъалаи иқлим ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маърӯзаи Ташкилоти ҷаҳонии метереологӣ (ТҶМ), дар соли 2016 хориҷшавии гази карбон ($CO_2$) давоми 800 000 сол аз ҳама баландтарин арзёбӣ гардидааст. Аз ин рӯ, дабири кулли СММ Антониу Гутерриш зимни як баромади худ дар конфронси матбуотӣ соли 2017 иброз доштааст, ки "эҳтимол ҳаст сатҳи хориҷкунии газҳои гулхонаӣ то соли 2020 чунон баланд шавад, ки ҳадафҳои коҳиш додан дар Париж дар соли 2030 фавқуллода душвор шавад" [Высказывания..., 2017]. Аз ин бармеояд, ки сол то сол зиёд шудани аҳолӣ ва дар баробари ин афзоиши босуръати корхонаҳои истеҳсолӣ барои тағйир ёфтани иқлим мушкилоти наверо эҷод намуда истодаанд. Мавриди зикр ҳаст, ки ин далелро ҳанӯз дар асри XX олимон собит намудаанд, ки "эҳтимол рушди саноат ва тағйироти куллӣқувваҳои нисбатан муҳим ба ҳисоб раванд, ки боиси тағйирёбии муҳити зист дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ гарданд" [Taylor, 1996, с.1036].

Дар **фасли дуввуми** боби мазкур - **“Сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об”, -** ташаккулёбии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва пешниҳоди чаҳор ташаббуси глобалӣ дар ҳалли мушкилоти обии минтақа ва ҷаҳон аз ҷониби Тоҷикистон мавриди таҳқиқкарор гирифтааст. Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо барои густариши ҳамкориҳои байналмилалии он дар арсаи ҷаҳонӣ кушод. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани роҳ ба сӯи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳими ҷаҳонӣ сиёсати хориҷиро таҳия ва роҳандозӣ намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сиёсати санҷидаву дурбинонаеро бо номи сиёсати “дарҳои боз” тарҳрезӣ намуд, ки он барои узви бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ гардидани Тоҷикистон ва ба роҳ мондани робитаҳои сиёсии ин кишвар бо аксари давлатҳои ҷаҳон мусоидат намуд [Назаров, 2006, С.64]. Тарҳрезӣ намудани сиёсати “дарҳои боз”, пеш аз ҳама, имкониятҳои Тоҷикистонро дар ташкил намудани чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ бештар намуд.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин ташаббуси глобалии экологиро маҳз дар масъалаи об нишон дод, зеро Тоҷикистон яке аз кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки дорои захираҳои зиёди об буда, ҳамасола дар ҳудуди он 64 млрд. $м^3$ об ҳосил мешавад, ки 60% - и оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Дар фасли мазкур ба таври муфассал оид ба таърих ва аҳамияти 4 ташаббусиглобалии обии Тоҷикистон ва кӯшишҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масоили минтақавии экологӣ, махсусан дар пешгирии хушкшавии баҳри Арал ва хавфи канда шудани сарбанди кӯли Сарез маълумоти илмӣдода шудааст.

**Боби дуввуми** рисола **“Нақши матбуоти расмии Тоҷикистон дар баррасии масоили глобалии об”** ном дошта, доир ба нақши рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон - “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об ва тағйирёбии иқлим иттилоъ медиҳад. Дар боби мазкур вобаста ба муҳим будани нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар баррасии мушкилоти ҷомеа назари чанде аз коршиносони соҳа оварда шуда, қайд мегардад, ки ВАО дар ҳама давру замон дар баррасии мавзӯъҳои муҳими ҷомеа нақши созанда дорад. Махсусан, баъд аз пешниҳод намудани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар масъалаи об, таваҷҷуҳи матбуоти даврии тоҷик ба нақши Тоҷикистон дар ҳалли ин масъала бештар гардид. Дар саҳифаи матбуот маводҳое нашр шудаанд, ки баёнкунандаи сиёсати пешгирифтаи Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалии обмебошанд.Ба ин матолиб метавон маводҳоиҲ. Асоев “Сиёсати экологӣ зарур аст” [“Ҷумҳурият”, 2001. 3 май], С. Кошонов “Даъвате, ки оламиён ҳамовоз гардиданд” [“Ҷумҳурият”, 2003. 16 сентябр], М. Фирӯз “Дастрасии аҳолӣ ба оби тоза ду баробар афзуд” [“Ҷумҳурият”, 2010. 5 июн], Ф. Раҳмониён “Ҷаҳон тоҷиконро ба некӣ шинохт”[“Ҷумҳурият”,2011. 8 сентябр],С. Азизӣ “Аз саргаҳи оби тоза то

саргаҳи ташаббусҳои башардӯстона” [“Ҷумҳурият”, 2017. 14 июн], Х. Расулӣ “Қадами устувор дар роҳи ҳалли проблемаҳои об” [“Садои мардум”, 2003. 21 октябр], Н. Оқилзода “Ҷумҳурии Тоҷикистон – бунёдгузори “Дипломатияи об” [“Садои мардум”, 2017. 12 январ], Б. Каримзода “Соли оғози амалишавии иқдомҳои бузург” [“Садои мардум”, 2018. 13 январ] ва ғайраҳоро дохил намуд.

Нақши муҳим доштани матбуот ва умуман, журналистикаро дар баррасии масоили экологӣ коршиносони соҳа низ махсус таъкид кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқони тоҷик Яқубов Ҷ. Н. ва Тоирова Ш. М. журналситикаро институти иҷтимоӣ – сиёсӣ номидаанд, ки дар инъикоси проблемаҳои экологӣ, таблиғи фаъолиятҳои намунавӣ дар соҳаи беҳдошти муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ нақши бориз дошта, барои ҳифзи муҳити зист таъсиргузор аст [Яқубов, 2012, С.7; Тоирова, 2015, С.13]. Аз ҷониби дигар, “пазируфта шудани пешниҳоди...соли байналхалқии оби тоза ба фаъолияти матбуот самти нав, мавзӯъ ва масъалаи муҳиму ҳалталабро муайян намуд”,- изҳор доштааст профессор Муродов М. дар мақолаи худ “Шинохти об дар матбуот” [Муродов, 2003, С. 221]. Нақши муассир доштани журналистика дар баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ беасос нест, зеро “инсон тӯли ҳаёти худ бо таъсири иттилои ба ӯ расида ташаккул меёбад”, - таъкид намудааст муҳаққиқи тоҷик Ҷовид Муқим [Муқим, 2006, С.5]. Пас, аз ин бармеояд, ки матбуот дар ташаккули афкори омма нақши муассир дорад. Махсусан, дар баррасии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об саҳми матбуоти даврии тоҷик назаррас аст. Ба воситаи рубрикаҳои махсуси ифодакунандаи ташаббусҳои глобалии обии Тоҷикистон, матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси сиёсати экологии Тоҷикистон марбут ба об миёни дигар навъи ВАО – и кишвар мақоми махсусро ишғол намудааст.

Дар **фасли аввали боби дувум “Саҳми рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар инъикоси масоили об”**баррасии масоили глобалии обу иқлим ва нақши Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилот дар саҳифаҳои рӯзномаи “Ҷумҳурият” мавриди таҳқиққарор гирифтааст. Зимни пажӯҳиши мавзӯъ муайян гардид, ки рӯзномаи расмииТоҷикистон “Ҷумҳурият” ба масъалаи об ҳамчун проблемаи глобалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ба воситаи мақолаву мусоҳибаҳои гуногун аҳли ҷомеаро ба самаранок истифода бурдани об, расидан ба қадри ин неъмат ва дар ин ҷода, беҳтар намудани маърифати шаҳрвандӣ даъват намудааст. Дар давоми таҳқиқ чунин ҷанбаҳои масоили об дар мисоли матолиби рӯзномаи “Ҷумҳурият” мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

а) масъалаи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон;

б) масъалаи хушкшавии баҳри Арал;

в) мушкилоти норасоии об дар манотиқи Тоҷикистон;

г) ҷонибдории ҷомеаи ҷаҳон аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон вобаста ба об.

Аз таҳқиқи маводи рӯзномаи «Ҷумҳурият» бармеояд, ки ин рӯзнома дар партави пешниҳоди чаҳор ташаббуси глобалии Тоҷикистон марбут ба об, рубрикаҳои “Соли 2003 - соли байналмилалии оби тоза”, “Даҳсолаи байналхалқии амалиёти “Об барои ҳаёт” ”, “Обёрӣ: андеша, мулоҳиза ва пешниҳодҳо”, “2013-соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об”, “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” ”, “Ба истиқболи “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” ” ва ғайраҳоро ташкил намуда, зери ин рубрикаҳо мушкилоти норасоии об дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва Тоҷикистонро ба миён гузошта, зарур будани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистонро дар ин самт нишон додааст. Ҳамчунин ба воситаи рубрикаҳои “Розу ниёз-гӯшаи номаҳои шаҳрвандон”, “Аз пайи мактуб”, “Ба “Ҷумҳурият” ҷавоб омад”, рӯзномаи “Ҷумҳурият” мушкилоти норасоии обро дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон пайгирӣ намуда, ба шаҳрвандон имконият додааст, ки оид ба сари вақт ҳал нагардидани масъалаи обтаъминкунии манзили зисташон аз ҷониби сохторҳои марбута арз намоянд. Барои исботи гуфтаҳои мазкур маводҳои М. Нуралӣ“Ба мо об диҳед” [“Ҷумҳурият”, 2000. 22 июн], М. Шаҳидов “Об дар кӯзаву...” [“Ҷумҳурият”, 2005. 29 ноябр], А. Зардиев ва дигарон “Об ва мушкили 13 ҳазор аҳолӣ дар ноҳияи Темурмалик” [“Ҷумҳурият”, 2017. 15 август], Л. Шариф “Восеъ. Норасоии оби тоза ё мушкиле, ки реша ба 70 соли гузашта дорад” [“Ҷумҳурият”, 2017. 13 июл], Х. Раҳмон ва Н. Саидмуродов “Файзобод, об, об, об…” [“Ҷумҳурият”, 2016. 16 апрел] ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Дар **фасли дувуми боб “Проблемаҳои об ва иқлим аз нигоҳи рӯзномаи “Садои мардум”** ”сухан аз баррасии мушкилоти глобалии обу иқлим ва нақши Тоҷикистон дар ҳалли ин масоил дар рӯзномаи “Садои мардум” меравад. Дар асоси пажӯҳиши маводи рӯзномаи “Садои мардум” дар давоми солҳои 2000-2018, мавқеи рӯзномаи мазкур дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об муайян гардида, муҳим будани саҳми матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об нишон дода шудааст. Мушкилоти вобаста ба об ва мавқеи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз нигоҳи рӯзномаи «Садои мардум» низ дар канор намонда, масоили мазкур зери рубрикаҳои «Соли 2003-соли байналмилалии оби тоза», «Асри XXI: Тоҷикистон ва мушкилоти оби сайёра», «Саҳифаҳои аср», «Даҳсолаи байналхалқии амалиёти «Об барои ҳаёт» », «Ба пешвози Конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт» », «Назари мутахассис», «Об-манбаи ҳаёт», «Соли 2013-соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», «Бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» »ва ғайраҳо нашр гардидааст.

Аз таҳқиқи матолиби рӯзномаи «Садои мардум» оид ба ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об бармеояд, ки рӯзномаи мазкур низ зарурати пешниҳоди ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба масоили обро ба воситаи суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

дар конфронс ва форумҳои сатҳи минтақавиюбайналмилалӣ, инчунин овардани назари коршиносони соҳа оид ба ин масъала пешниҳоди хонандагон намудааст. Баъд аз пешниҳод намудани ташаббуси глобалии Тоҷикистон таҳти унвони “Соли 2003 - соли байналмилалии оби тоза», рӯзномаи «Садои мардум» ба воситаи рубрикаҳои “Ба озмуни «Соли 2003-соли байналмилалии оби тоза»” ва “Соли байналмилалии оби тоза”, чанд матолибро ба монанди маводҳои Х. Муҳаббатов “Мушкилоти обҳои Тоҷикистон аз нигоҳи имрӯзу фардо” [“Садои мардум”, 2002. 27 июл], С. Тоҳиров ва Х. Бобиев “Мушкилоти нарасидани об-доғи сайёра” [“Садои мардум”, 2003. 20 феврал], “Оби ошомиданиро сарфакорона истифода барем” [“Садои мардум”, 2003. 8 апрел] ва Н. Наботов “Об - ободӣ, осудагӣ ва оромии башарият” [“Садои мардум”, 2003. 20 ноябр] ба табъ расонид, ки ҳадафи онҳо ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеа ба мушкилоти оби сайёра ва баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон маҳсуб мешавад.

Рӯзномаҳои “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” дар инъикоси мушкилоти глобалии экологӣ ва дигар масоили марбут ба об аз жанрҳои гуногуни журналистика истифода намудаанд. Аммо тибқи пажӯҳиши мо муайян гардид, ки қариб дар ҳамаи шумораҳои рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон хабару ҳисобот ва мусоҳиба интишор гардида, маводи марбут ба ташаббусҳои глобалии обии Тоҷикистон бештар дар жанрҳои хабарӣ нашр гардидаанд. Пажӯҳиши матолиби рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон нишон дод, ки дар баробари истифодаи жанрҳои хабарӣ матолиби зиёде дар жанрҳои таҳлилӣ низ вобаста ба мавзӯъ ба табъ расида, ба воситаи ин матолиб мушкилоти глобалии об ва иқлим ба таври васеъ таҳқиқ гардидааст. Аммо дар муқоиса ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар рӯзномаи «Садои мардум» истифодаи жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ дар инъикоси мавзӯи мавриди таҳқиқ нисбатан кам ба назар мерасад.

Дар **боби сеюми рисола “Баррасии мушкилоти глобалии об дар рӯзномаҳои мустақили Тоҷикистон”** масъалаи глобалии норасоии об ва таҳдиди тағйирёбии иқлим ба захираҳои об дар мисоли маводи нашрияҳои мустақили Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар боби мазкур дар такя ба матолиби нашрияҳои мустақили тоҷик марбут ба ташаббусҳои глобалии об ва тағйирёбии иқлим, дараҷаи инъикоси масоили мазкур дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ муайян гардидааст.

**Фасли аввали боби сеюм “Нақши ҳафтаномаи «Нигоҳ» дар инъикоси масоили об”** баррасии мушкилоти глобалии об ва тағйирёбии иқлимро дар ҳафтаномаи мустақили Тоҷикистон “Нигоҳ” пайгирӣ намудааст. Нақши матбуот, хусусан нашрияҳои мустақилро дар таҳлили масъалаҳои мубрами ҷомеа муҳаққиқони зиёд назаррас арзёбӣ кардаанд. Гарчанде муҳаққиқи тоҷик Мирзоалӣ С. бар ин назар аст, ки “интихоби ахбори актуалӣ кори душвор аст” [Мирзоалӣ 2009, С.46], аммо профессори тоҷик Усмонов И. изҳор медорад, ки нашрияҳои мустақили Тоҷикистон дар интихоби ахбори муҳим ва ҳонданибоб пешсафанд. Аз ҷумла, вобаста ба фаъолияти

нашрияи ғайрирасмии кишвар “Нигоҳ”, профессор Усмонов И. қайд кардааст, ки “ “Нигоҳ” дар бораи масъалаҳое менависад, ки баҳс сари он проблемаҳо зиёданд” [Усмонов, 2008, С. 58]. Яъне, аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки нашрияи “Нигоҳ” дар интихоби ахбори актуалӣто андозае муваффақ будааст.Чуноне муҳаққиқи тоҷик Бозоров Н. вобаста ба нақши матбуоти мустақил навиштааст: “ба назар чунин мерасад, ки матбуоти мустақил дар баррасии масъалаҳои доғи рӯз пешдастӣ дорад” [Бозоров , 2015, С.286].

Аз пажӯҳиши матолиби ҳафтаномаи “Нигоҳ” бармеояд, ки нашрияи мазкур дар муддати 10 соли фаъолият дар баробари шарҳу тавзеҳи авзои минтақа, аз қабили вазъи Афғонистон ва мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, инчунин дар маводҳои алоҳидаи таҳлилӣ ва хабарҳои кӯтоҳ ба масоили глобалии обу тағйирёбии иқлим ва нақши Тоҷикистон дар баррасии мушкилоти мазкур низ ишора намуда, баъзан пурра ин масоилро баррасӣ намудааст. Нашрияи “Нигоҳ” дар бештари матолиб ба воситаи нашри маводҳои таҳлилӣ кӯшиш намудааст, ки хилофи манфиатҳои обии кишварҳои Осиёи Марказӣ набудани сохтмони иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистонро низ нишон диҳад. Ба воситаи нашри маводҳои Ф. Асозода “Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ” [“Нигоҳ”, 2007. 2 май], Э. Амон “Боздиди Бан Ки Мун аз Душанбе ба рӯдхонаи Вахш” [“Нигоҳ”, 2010. 7 апрел] ва С. Стивенсон “Эмомалӣ Раҳмон бояд мавриди дастгирии Ғарб қарор гирад” [“Нигоҳ”, 2011. 2 март], “Нигоҳ” мавқеи Тоҷикистонро дар танзими истифодаи захираҳои обии минтақа мусбат нишон дода, ба манфиати минтақа будани захираҳои обии Тоҷикистонро исбот намудааст.

Ҳафтаномаи “Нигоҳ” бештар татбиқи сиёсати обии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон мавриди баррасӣқарор дода, кӯшишҳои Президент Эмомалӣ Раҳмонро дар ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон ба ҳалли мушкилоти экологии ҷаҳон, аз ҷумла, об нишон додааст. Бо овардани назари коршиносони соҳа дар маводҳои таҳлилӣ, мухбирони “Нигоҳ”мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар танзими истифодаи захираҳои об мусбат арзёбӣ намуда, сиёсати одилонаи Тоҷикистонро дар истифодаи захоири оби минтақа муайян намудаанд.

Дар **фасли дувуми боби се “Мушкилоти об аз нигоҳи нашрияи «Фараж»”** сухан аз нақши нашрияи мустақили Тоҷикистон “Фараж” дар тарғиб ва баррасии сиёсати обии Тоҷикистон меравад. Тибқи пажӯҳиш маълум гардид, ки ҳафтаномаи “Фараж” ба мушкилоти об ва нақши Тоҷикистон дар ҳалли ин масоил таваҷҷуҳи махсус равона намуда, кӯшиш намудааст, ки мушкилоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва баҳси кишварҳои болообу поёноб дар атрофи онро ҳамаҷониба баррасӣ намояд. Ҳамчунин дар матолиби алоҳида, нашрияи “Фараж” андешаи коршиносони соҳаро оид ба муҳиммияти об барои ҳаёт ва нақши ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти об дар сайёра нашр намудааст. Матолиби “Фараж” оид ба масъалаи об зери рубрикаҳои “Мавзӯи ҳафта”, “7 рӯзи як сол”, “Мавзӯи рӯз”, “Вокуниш”, “Бозгашт ба мавзӯъ”,

“Мушкили доимӣ”, “Баҳси рӯз”, “Бонги изтироб”, “Гузориши рӯз”, “Дасисаи рӯз”, “Тадқиқоти журналистӣ”, “Нуқтаи назар”, “Фоторепортаж”, “Минтақа”, “Дидгоҳ”, “Аз ҳар боб” ва “Таҳлил” нашр шудааст.

Пажӯҳиш нишон дод, ки муҳтавои асосии аксарияти матолиби нашрияи “Фараж”-ро масъалаи истифодаи мақсадноки захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил медиҳад. Хусусан, безарар будани сохтмони НБО-и Роғун барои захираҳои оби минтақа таваҷҷуҳи мухбирони “Фараж”-ро бештар ба худ ҷалб намудааст. Аз ин рӯ, дар матолиби таҳлилӣ, хабарнигорони нашрия бо овардани андешаи коршиносони соҳа сиёсати беғарази Тоҷикистонро дар танзими захираҳои оби минтақа нишон додаанд. Чунончӣ, дар яке аз ин матолиб, ки аз иштирок ва суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 5-уми ҷаҳонии об иттилоъ медиҳад, Президенти кишвар аз ҷумла, таъкид намудааст, ки “сохтмони обанборҳо ва нерӯгоҳҳои обӣҳам баҳри истеҳсоли нерӯи барқ ва ҳам барои захирасозию истифодаи муназзами об ба манфиати кулли кишварҳои минтақа аст” [“Фараж”, 2009. 19 март]. Чунин андешаро ҳамчунин матолиби навбатии “Фараж” зери унвони “Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар” [“Фараж”, 2007. 4 октябр], “Таъкиди Зарифӣ ба ҳаққи Тоҷикистон” [“Фараж”, 2009. 4 июн], “Ҳамсоя аз хеши дур беҳ...” [“Фараж”, 2009. 26 март] ва ғайраҳо низ ифода мекунанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар саҳифаи нашрияҳои мустақили Тоҷикистон “Нигоҳ” ва “Фараж” маводи марбут ба мавзӯи мавриди таҳқиқ дар қолаби жанрҳои гуногуни журналистика ба табъ расидааст. Аз таҳқиқи матолиби нашрияҳои мазкур бармеояд, ки барои инъикоси ҳамаҷонибаи нақши Тоҷикистон дар ҳалли масоили экологии об ва иқлим мухбирони ин нашрияҳо бештар ба жанрҳои таҳлилӣ, махсусан, жанри мақола, табсира ва нигориш такя намуда, истифодаи жанрҳои хабарӣ нисбат ба рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” камтар дида мешавад. Аммо дар муқоиса ба нашрияи “Фараж”, ҳафтаномаи “Нигоҳ” дар давоми солҳои фаъолияти худ (2006-2016) дар инъикоси мавзӯи мавриди таҳқиқ ба жанрҳои хабарӣ бештар такя намудааст.

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

**Дар хулосаи рисолаи илмӣ** то андозае нақши матбуоти даврии тоҷик дар баррасӣ ва тарғиби ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масъалаи об ва дигар масоили муҳими экологӣ аз қабили тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряххо муайян гардидааст. Пажӯҳиш нишон дод, ки матбуоти даврии тоҷик ба мушкилоти глобалии об ва саҳми Тоҷикистон дар баррасии ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, матолиби зиёди таҳлилиро вобаста ба зарурати пешниҳоди ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об ва саривақтӣ будани иқдоми мазкур барои бартарафсозии мушкилоти обии сайёра ба табъ расонидааст. Аз ҷумла,

хабарнигорони матбуоти расмӣ ва мустақили тоҷик дар партави пешниҳоди ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об, андешаи коршиносони соҳа, масъулини ниҳодҳои дахлдор ва намояндагони дигари ҷомеаро вобаста ба ҳифзи табиат, самаранок истифода бурдани захираҳои об ва пешгирӣ намудани муносибати ғайриоқилонаи инсон ба табиат пурсон шуда, натиҷаи онро нашр намудаанд.

Дар боби аввали кор мо ба таври васеъ ҷанбаҳои назариявии мушкилоти глобалии экологӣ, аз қабили об ва тағйирёбии иқлимро пажӯҳиш намуда, нақши Тоҷикистонро дар ҳалли муаммоҳои экологӣ баррасӣ намудем. Зимни таҳқиқ муайян намудем, ки об ҳамчун неъмати ҳаётбахш ҳанӯз чанд аср қабл мавриди ситоиш ва муҳокимаи олимон ва шоирону нависандагон қарор гирифта, аҳамияти он барои аҳли ҷомеа исбот гардидааст. Ҳамчунин таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки нобаробарии қитъаҳои гуногуни олам масъалаи норасоии обро дар ҷаҳон бештар намудааст. Дар баробари ин, мо муайян намудем, ки ҷанбаи асосии глобалӣ гардидани масъалаи об дар солҳои охир, ин афзоиши босуръати аҳолӣ, рушди иқтисод ва тағйирёбии иқлим мебошад. Пажӯҳиши илмӣ нишон дод, ки дар даҳсолаи оянда ихроҷшавии газҳои гулхонаӣ ба ҳаво на танҳо аз ҳисоби кишварҳои рушдёфта зиёд хоҳад шуд, балки тибқи андешаи коршиносон то соли 2025 кишварҳои дар ҳоли рушд низ нисбат ба ҷаҳони рушдёфтаи саноат гази гулхонавии бештареро ба ҳаво хориҷ хоҳанд кард. Аз ин рӯ, барои ҳал намудани мушкилоти тағйирёбии иқлим на танҳо кишварҳои рушдёбанда худро масъул меҳисобанд, балки ин масъала таваҷҷуҳи кишварҳои дар ҳоли рушдро низ ба худ ҷалб намудааст.

Дар қатори кишварҳои дар ҳоли рушд, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо роҳандозӣ намудани сиёсати “дарҳои боз” кӯшиш намудааст, ки дар давоми солҳои 2003 – 2018 барои ҳалли мушкилоти глобалии об ва пешгирии обшавии пиряххо аз ҳисоби тағйирёбии иқлим 4 ташаббуси глобалиро пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳон намояд. Ҳадафи ташаббусҳои мазкур пеш аз ҳама таъмини аҳолии ниёзманди сайёра бо оби тозаи нӯшиданӣ, хотима додан ба баҳси кишварҳои минтақа дар масъалаи об ва мусоидат намудан ба истифодабарии дурусти захираҳои обӣ мебошад. Дар баробари ҳалли мушкилоти глобалӣ дар сатҳи байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин мушкилоти минтақавии марбут ба обро низ мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон қарор гузошт. Зимни пажӯҳиш муайян гардид, ки агар нисбат ба наҷоти баҳри Арал тадбирҳои таъҷилӣ андешида нашаванд, ба проблемаҳои нарасидани оби тоза, проблемаи гуруснагӣ низ зам гардида, тамоми минтақаро фаро хоҳад гирифт. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ намудани хатари канда шудани садди табиии кӯли Сарез низ ҳамеша таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонро ҷалб намуда, барои он пешниҳод намуд, ки Консорсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез таъсис дода шавад.

Дар боби дуюми рисола, мо баррасии мушкилоти глобалии обро дар саҳифаҳои матбуоти расмии Тоҷикистон пажӯҳиш намуда, маводи

матбуотро мавриди таҳлил қарор додем. Пажӯҳиши матолиби рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” нишон дод, ки маҳз мубрамияти иқдомҳои ҷаҳонии Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии об ба назар гирифта, рӯзномаҳои мазкур доир ба амалӣ намудани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи об, баррасӣ намудани мушкилоти ҷойдошта дар таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон дар истифодабарии об маводи зиёди таҳлилӣ нашр намудаанд.

Тибқи таҳқиқи мавзӯъ дар саҳифаҳои матбуоти расмии тоҷик, муайян гардид, ки рӯзномаи “Ҷумҳурият” ба масъалаи об ҳамчун бахши муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, маводи зиёди таҳлилиро, ки бозгӯкунандаи ҷонибдорӣ ёфтани ин ташаббусҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд, дар саҳифаҳояш нашр намудааст.

